**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 2.11.2007, №529**
**тасдиқ шудааст.**

# БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2008 - 2015

## 1. Муҳтавои Барнома

**Номи Барнома Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015.**

Зарурати таҳияи Барномаи мазкур дар асоси «Нақшаи чорабиниҳо оид ба супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 22 декабри соли 2005, ки дар маҷлиси машваратӣ доир ба вазъи соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардиданд», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 ноябри соли 2006, №484 ва «Паёми Президенти ҶумҳурииТоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2007» таҳия шудааст

**Барнома:**.Мураттиби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мақсади Барнома:

Дар асоси нақшаи «Стратегии миллии рушди Барнома Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015», модернизатсия намудани низоми миллии таҳсилоти касбии бисёрзинагӣ, инчунин вусъат бахшидани сифати тайёр намудани неруи одамӣ, қонеъ гардонидани талаботи шахс ва ҷомеа.

Вазифаҳои таъмин ва дастрас гардонидани таҳсилоти босифат Барнома барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ;

-дар асоси демократикунонии минбаъдаи идоракунии маориф, такмил додани заминаҳои меъёрии ҳуқуқии низоми миллии таҳсилоти касбӣ;

-тарбияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ, маданият ва фарҳанги баланд, эътирофи ҳуқуқҳо ва озодии шахс дар Ҷомеа;

-рушду нумӯъ ва инкишофи бемайлони забони давлатӣ.

-дар асоси анъанаву арзишҳои ватанӣ ва ба инобат гирифтани таҷрибаи ҷаҳонии принсипҳои рушди мунтазам, модернизатсия ва азнавсозии системаи таҳсилоти касбӣ;

-таҷдиди назар намудани низоми таҳсилоти касбӣ ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос тибқи таснифгари равия ва тахассусҳои байналмилалии таҳсилот;

-барқарор, ташаккул ва инкишофи модели - сезинагии тайёр кардани кадрҳо (бакалавриат, мутахассис. магистратура), ки асоси онро низоми кредитии таҳсилот ташкил медиҳад;

-баланд бардоштани сифати тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва дар бозори меҳнат рақобатпазир барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ;

-ворид шудан ба фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилоти касбӣ;

-ташкил намудани низоми миллии баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилоти касбӣ;

-ташкил намудани муҳити ягонаи иттилоотии таҳсилоти касбӣ;

-такмил додани корҳои таълимӣ, илмӣ-методии раванди таҳсилоти касбӣ;

-таҳкими заминаи моддӣ – техникии системаи таҳсилоти касбӣ;

-ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот;

-ташкил ва дарёфти механизми нави ҷалб кардани

захираҳои иқтисодӣ барои баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ;

-таъмини тавозуни манфиатҳои давлат, ҷамъият ва шахс дар системаи таҳсилоти бисёрзинагӣ.

Манбаъҳои Сарчашмаҳои зарурӣ ва хароҷоти асосии татбиқи молиявии барнома аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлат сурат Барнома: мегирад. Ҳаҷми хароҷоти буҷети давлат барои тадбиқи манбаҳои молиявии барнома 2,698,784000 сомониро ташкил медиҳад. (Ҷадвали 1)

Ҷадвали 1.

| **Солҳо** | **Буҷети ҷумҳуриявӣ** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|
| 2008 | 95.583.000 | 95,583,000 |
| 2009 | 129.993.000 | 129,993,000 |
| 2010 | 176.140.000 | 176,140,000 |
| 2011 | 236.908.000 | 236,908,000 |
| 2012 | 317.457.000 | 317,457,000 |
| 2013 | 424.440.000 | 424,440,000 |
| 2014 | 565.778.000 | 565,778,000 |
| 2015 | 752.485.000 | 752,485,000 |
| Ҳамагӣ: | 2.698.784000 | 2.698.784000 |

Ҳаҷми маблағҳои молиявии Барнома барои солҳои 2008 – 2015 ҳамасола дар вақти банақшагирии буҷети ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ мувофиқ ба солҳои молиявӣ муайян карда мешавад.

Натиҷаи ниҳоии дар натиҷаи тадбиқи амалии татбиқи Барнома:

- низоми - самаранокии идоракунии соҳаи таҳсилоти касбӣ Барнома маориф ба вуҷуд оварда мешавад, ки ҳадаф аз он тарбияи шахси комилҳуқуқ, мутахассиси варзида, дар бозори меҳнат рақобатпазир, ки қобилияти мустақилона ва эҷодкорона ҳал кардани вазифаҳои касбии хешро дошта бошад, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва манофеи касбиашро дарк намояд, гузашта аз ин барои натиҷаи фаъолияти хеш масъулият ва ҷавобгарӣ ҳис намояд;

- принсипи таҳсилот барои ҳама дар тӯли ҳаёт таъмин мегардад;

- шароити мусоид барои гирифтани таҳсилоти босифат, дар бозори меҳнат рақобатпазир, ба мақсад ва натиҷаи муайян нигаронидашуда ба даст оварда мешавад;

-дастрас будан ва пайдарпайи зинаҳои таҳсилот таъмин карда мешавад;

- рушди афзалиятноки соҳаи таҳсилоти касбӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иҶтимоӣ ва иқтисоди ба дастоварда мешавад;

-гузариш ба модели сезинагии тайёр намудани мутахассисон: бакалавриат, мутахассис ва магистратура таъмин карда мешавад;

- системаи самараноки таъминоти таълимӣ, илмӣ ва методии ҳамаи зинаҳои таҳсилот барқарор ва ташкил карда мешавад;

- муҳити ягонаи иттилоотӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ ба вуҷуд оварда мешавад;

- системаи нишондиҳандаҳои омории таҳсилот, ки ба стандартҳои байналхалқии оморӣ мувофиқ аст, ташкил карда мешаванд;

- системаи мониторинг ва пешгӯии инкишофи соҳаи таҳсилоти касбӣ, низоми миллии муайянкунандаи сифати таҳсилоти касбӣ бунёд гузошта мешавад;

-бо дастгирии давлат такмили механизмҳои ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони соҳаи таҳсилоти касбӣ ба роҳ монда мешаванд;

- механизмҳои нави маблағгузорӣ ба соҳаи маориф, алалхусус ба соҳаи таҳсилоти касбӣ таҳия ва амалӣ гардонида мешавад;

- барои шарики иҷтимоӣ дар бахши тайёр кардани кадрҳои баландихтисос шароит фароҳам оварда мешаванд;

- фаъолияти илмӣ ва иноватсионӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ рушду нумӯъ меёбад.

Мӯҳлати Барномаи рушди таҳсилоти касбӣ барои солҳои амалигардонии 2008-2015 дар ду марҳала татбиқ карда мешавад;

Барнома - марҳалаи якум: солҳои 2008 – 2012;

- марҳалаи дуюм: солҳои 2012 – 2015.

**2. Муқаддима**

Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 минбаъд «Барнома» дар асоси «Нақшаи чорабиниҳо оид ба супоришу дастурҳои Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 22 декабри соли 2005, ки дар маҷлиси машваратӣ доир ба вазъи соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардиданд», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 ноябри соли 2006, №484 ва «Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2007 таҳия шудааст. Барнома самтҳои асосии афзалиятнок, вазифа ва механизмҳои татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаи таҳсилоти касбӣ муайян намуда, барои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» шароит муҳайё намуда, раванди идоракунӣ, масъалаи молиявӣ, сохтор ва системаи кадрии соҳаи таҳсилоти касбии системаи маорифро ба танзим дароварда, мазмуну моҳияти онро ғанӣ мегардонад.

Таҳияи Барномаи мазкур аз зарурати навсозиҳои куллӣ вобаста буда масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ, ҳалли вазифаҳои стратегии дар назди Вазорати маориф истодаро дар бар мегирад.

**3. Таҳлили вазъи кунунии системаи таҳсилоти касбӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ чун давлати дорои иқтисодиёти бозоргонӣ эътироф гаштааст. Дар давраи кӯтоҳи Истиқлолият мамлакат ба дараҷаи рушди муайяни иқтисодиёт ноил гашт. Раванди ҳамгироии он ба иттиҳоди ҷаҳонӣ комилан густариш ёфт. Дар ин раванд нақш ва нуфузи соҳаи маориф, чун меъёри муайянкунандаи инкишофи ҷамъият, чун омили асосии иқтисодӣ ва бехатарии фарҳангии мамлакат назаррас мегардад. Дигаргуниҳои инқилобие, ки дар системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуқуъ мепайванданд, ба соҳаи маориф таъсир расонида аз вай зудҳаракатӣ, ҷавоби мувофиқ гардонидан ба воқеияти марҳалаи нави таърихӣ ва мутобиқати онро ба талаботи инкишофи иқтисоди бозоргонӣ тақозо менамояд.

Дар шароити муносибатҳои ҷамъиятии ҷаҳони зудтағъирёбанда ва инкишофи босуръати технологияи иттилоотӣ донишҳои фундаменталии касбӣ ҳатмӣ мегарданд, аммо ин мақсад ва манфиатҳои ниҳоии соҳаи маорифро ифода наменамояд. Муҳассилин бояд дар қатори маҷмӯи донишҳои касбӣ ва технологияи иттилоотӣ, қобилияти кордонӣ ва маҳорати касбӣ низ дошта бошад. Мақсади таҳсилот дар мамлакат маҳз ба ҳамин нигаронида шудааст. Ба муҳассилин омӯзонидани маҳорати мустақилона фаъолият намудан, қобилияти мустақилона таҳлил кардан, истеъдоди самаранок истифода бурдани иттилоот барои татбиқи максималии имкониятҳои худ ва иштироки муфид дар ҳаёти ҷомеа хеле муҳим ва аз масоили доғи рӯз мегардад. Системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити базаи методологӣ, сохтор ва мазмуни кӯҳнашуда инкишоф ёфта истодааст, ки барои ишғол кардани ҷои муносиб дар фазои ҷаҳонии таҳсилот имконият намедиҳад. Мазмуну моҳияти таҳсилот дар заминаи факталогӣ қарор гирифтааст, ки барои тайёр намудани мутахассисони босалоҳият ва эҷодкор, ки тавонанд дар доираи муносибатҳои ҷамъияти бозоргонӣ фаъолият намоянд ва дар рақобати бозори меҳнат тобовар бошанд, мусоидат намекунад. Мавҷуд набудани системаи ягонаи идоракунии маориф, нокифоя будани теъдоди штатии мутахассисон дар шӯъбаҳои маорифи шаҳру ниҳояҳо, паст будани музди маоши кормандони соҳаи маориф ба самаранокии идоракунии системаи маориф таъсири манфӣ мерасонад.

**4.Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

Таҳлили вазъи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ оид ба ҷой доштани механизмҳои ҳавасмандгардонии кордиҳандагон барои иштирок дар раванди тайёр намудани кадрҳо, инчунин асосҳои иниститутсионалии танзими сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз

зудҳаракатӣ ва ҳамгироии барномаҳои касбӣ шаҳодат медиҳад. Системаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон 119 муассисаи таълимӣ, аз ҷумла 71 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва 48 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбиро фаро мегирад, ки дар он теъдоди умумии 55,9 ҳазор хонандагон ва донишҷӯён таҳсил мекунанд. Контингенти донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз соли 2000 то 2007 ба андозаи 0,9 ҳазор нафар кам шудааст (Ҷадвали 2).

Ҷадвали 2

| **Соли таҳсил** | **Миқдори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна касбӣ** | **Теъдоди муҳасилин** | **Теъдоди муҳасилин аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ** |
|---|---|---|---|
| 2000 – 2001 | 72 | 24,4 | 24,4 |
| 2001 – 2002 | 73 | 25,3 | 25,3 |
| 2002 – 2003 | 75 | 25,5 | 25,3 |
| 2003 – 2004 | 73 | 23,9 | 23,9 |
| 2004 – 2005 | 72 | 24,2 | 24,2 |
| 2005 – 2006 | 71 | 25,0 | 25,0 |
| 2006 – 2007 | 72 | 23,5 | 23,5 |

Нисбати соли 2000 миқдори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 5 адад кам гаштааст. Теъдоди донишҶӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ то 7,6 ҳазор нафар зиёд шуд (Ҷадвали 3).

Ҷадвали 3

| **Соли таҳсил** | **Миқдори муассисаҳои таҳсилоти миёна касбӣ** | **Теъдоди донишҷӯён** | **Теъдоди донишхеён аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ** |
|---|---|---|---|
| 2000 – 2001 | 53 | 25,3 | 20813 |
| 2001 – 2002 | 50 | 23,8 | 19360 |
| 2002 – 2003 | 50 | 25,1 | 20341 |
| 2003 – 2004 | 56 | 29,0 | 23375 |
| 2004 – 2005 | 56 | 31,8 | 23643 |
| 2005 – 2006 | 54 | 32,4 | 25338 |
| 2006 – 2007 | 48 | 32,9 | 25927 |

Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ 2275 нафар омӯзгорон, вале дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамаги 2985 нафар омӯзгорон бо маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ фаъолият меварзанд.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ вуҷуд надоштани шарики иҷтимоии кордиҳандагон дар системаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, иллати номутаносибӣ дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос гардидааст.

Миқдори мутахассисони тайёршудаи ихтисосҳои техникӣ ва хизматрасонӣ ба ҳисоби 10 ҳазор нафар аҳолӣ назар ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ хеле паст фаромадааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 66 нафар хонанда вале дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 46,2 нафар донишҷӯро ташкил медиҳанд. Ин рақамҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зиёдтар буда 208 нафар донишҷӯро ташкил медиҳад. Афзоиши бемақсади тайёр намудани кадрҳо барои соҳаи хизматрасонӣ ва сектори ғайриистеҳсолӣ ба назар мерасад ва дар баробари ин талаботи ҷомеаи ба мутахассисони техникӣ, сохтмон ва хоҷагии қишлоқ рӯз то рӯз афзуда қариб, ки қонеъ гардонида намешаванд.

Кордиҳандагон ва дигар шарикони иҷтимоӣ дар таҳияи нақшаи тайёр кардани мутахассисони техникӣ ва соҳаи хизматрасонӣ хеле суст ҳамкорӣ мекунанд. Механизми ҷалб намудани маблағҳои сектори хусусӣ дар ташкили таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ вуҷуд надорад. Ҳамчунин, таъмири пурраи ҳамаи биноҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ зарур аст. Барои ташкили ҷараёни таълим, харидории маводҳои таълимӣ, таҷҳизот ва лавозимот, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо маблағҳои молиявӣ хеле кам ҷудо карда мешаванд. Маблағҳои молиявии ҷудогардида, асосан барои пардохти музди меҳнат ва андози иҷтимоӣ ( 44,7%), хӯрок, сару либос ва идрор (20,6 %), хизматҳои коммуналӣ, нигаҳдорӣ ва тармими биноҳо (20,2 %) сарф карда мешаванд.

Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба 334 нафар омӯзгорони фанҳои махсус ва устоҳои баландихтисоси касбӣ ниёз доранд. Ғайр аз ин тамоюли пиршавии таркиби кадрии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ба доираи бизнеси хурд ва миёна кашида шудани омӯзгорони баландихтисос ҷой дорад. Мутахассисони ҷавон ба сабаби сатҳи пасти музди меҳнат ва мақоми пасти иҷтимоии омӯзгор барои кор дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҳавасманд нестанд.

Сохтори идоракунӣ ва низоми таълимию методии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва тайёр намудани кадрҳо дар сатҳи вилоятҳо аз лаҳзаи вогузории вазифаи идоракунӣ ва маблағгузорӣ ба ин муассисаҳои таълимӣ ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии давлатӣ (аз соли 1996) таҳким дода нашудаанд. Сохтор ва барномаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ, тайёр намудани кадрҳои техникӣ ва хизматрасонӣ аз рӯи сатҳи касб ба «Пешниҳодҳо оид ба таҳсилоти

техникӣ ва касбӣ (Юнеско, соли 2001)», меъёрҳои барномаи «Таснифоти байналхалқии стандартии таҳсилот (соли 1997)» мувофиқат намекунад, зиёда аз ин садди роҳи зудҳаракатии системаи таҳсилоти касбӣ мегардад ва эҳтимолияти эътироф намудани онро дар фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ коста мегардонад.

## 5. Таҳсилоти олии касбӣ

Таҳлили рушди системаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии мамлакатҳои тараққикарда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки модели прогрессивии паҳншуда ва эътирофгардида дар ҷаҳони муосир модели се зинагии тайёр кардани кадрҳо: бакалавриат, магистратура ва докторантура, минбаъд PhD, мебошад. Модели мазкур дар асоси системаи кредитии таҳсилот ба вуҶуд омадааст. Ин модел дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ИМА ва аксари мамолики Аврупо васеъ истифода мешавад. Модели мазкур хеле зудҳаракат ва самаранок буда, хатмкунандагони он дар бозори меҳнат рақобатпазир ва тобовар мебошанд.

Системаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, 5 филиалу як шӯъба ва як комплексро дар бар мегирад. Аз 28 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ 13- то мақоми донишгоҳ, 12- то мақоми донишкада ва 3 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мақоми академияро дорад. Зиёда аз ин 5 филиалу 1 шӯъба ва 1 комплекси таълимӣ дар ҳайати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амал мекунад. Як донишгоҳ, аниқтараш Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон дорои мақоми махсус мебошад. Барои қонеъ гардонидани талаботи ҷумҳурӣ ба мутахассисони баландихтисос дар соли 2006 ду муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон ва Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд. Миқдори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, теъдоди донишҷӯён ва дархости давлатии таҳсилот рӯз то рӯз зиёд шуда истодааст. (Ҷадвали 4).

Ҷадвали 4

| Соли таҳсил | Миқдори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо филиал ва шуъбаҳо | Теъдоди донишхеён | Теъдоди донишхеён аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ |
|---|---|---|---|
| 2000 – 2001 | 29 | 77,701 | 45, 339 |
| 2001 – 2002 | 31 | 84,360 | 47,644 |
| 2002 – 2003 | 33 | 96,583 | 54, 409 |
| 2003 – 2004 | 35 | 107,570 | 54,481 |
| 2004 – 2005 | 35 | 118,431 | 55,517 |
| 2005 – 2006 | 36 | 132,405 | 58 753 |
| 2006 – 2007 | 28+7=35 | 146,219 | 59,920 |

Теъдоди умумии профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 21 ҳазор нафар мебошад, аз онҳо 469 нафар доктор ва 2520 нафар номзади илманд. Теъдоди донишҷӯён ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ аз 124 нафар дар соли таҳсили 2000- 2001 ба 208 нафар дар соли таҳсили 2006 - 2007 расид.

Таснифгари равия ва ихтисосҳои таҳсилоти олии касбӣ такмил дода шуд. Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ бо барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мувофиқ гардонида мураттаб сохта шуданд, ки технологияи ягонаи раванди таълимро таъмин месозад. Фанҳои ихтисосӣ ва самтҳои тайёр намудани таҳсилоти олии касбӣ бо барномаҳои намунавии таълимӣ таъмин карда шудаанд. Стандартҳои давлатӣ доир ба ҳамаи фанҳои тадрисшаванда таҳия ва такмил дода шуд.

Бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқи баробар барои гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ва интихоби касб аз тарафи ҷавонон, модели нави қабул ва барқарорнамудани контингенти донишҷӯён ба воситаи гузаронидани имтиҳони ягонаи миллӣ ҷорӣ карда мешавад. Додани бурсияҳо (грант)-ҳои давлатии таҳсилот ва кредитҳои давлатии таҳсилот дар заминаи озмун пешбинӣ мешавад.

Заминаҳо барои гузаштан ба низоми ягонаи тайёр намудани кадрҳо мувофиқ ба модели бакалаврӣ ва магистрӣ ба вуҷуд оварда шуд. Ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди таълим мустақилияти зиёд дода мешавад. Тадқиқотҳои илмӣ хеле фаъол гардид ва суратнокӣ дар дигаргунсозии раванди таълим ба миён омад. Наздики 5000 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар макотиби олии 25 мамлакати ҷаҳон, аз ҷумла ҳазору ҳафтоду як нафар дар макотиби олии Федератсияи Россия таҳсил карда истодаанд, ки 140 нафари онҳо тибқи бурсияҳои ҷудонамудаи ҷониби Федератсияи Россия мебошанд.

Дар баробари ин, кам будани талабот аз тарафи баъзе муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва филиалҳои онҳо нисбат ба дониши донишҷӯён дар шароити нарасидани нерӯи зеҳнӣ, кадрӣ, моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба пастравии сифати тайёр намудани мутахассисон бурда мерасонад, ки он зарурати такмили заминаи меъёрию ҳуқуқиро дар самти таҳкими талабот оид ба таъмини кадрӣ ва заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ талаб мекунад.

Тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисосҳои маҳдуд сурат гирифта, барои соҳаҳои гуманитарӣ ва истеъмолкунандагӣ нигаронида шудаанд, ки мутааллиқ ба иқтисодиёти нақшавӣ аст. Норасоии китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ оид ба ихтисосҳои техникӣ, тиббӣ, аграрӣ, технологӣ, байторӣ ба забони давлатӣ ба назар мерасад. Зиёда аз 50 фоизи адабиёти таълимӣ, адабиёти дарсӣ, таълимию методӣ ва илмии дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ Ҷойдошта хеле кӯҳна буда, зарурати аз нав навиштан ва чоп карданро доранд.

Муттахассисони ҷавон бо сабаби паст будани музди меҳнат ва мақоми нокифояи омӯзгор дар ҷомеа барои кор дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳавасманд нестанд. Бинобар ин, сатҳи миёнаи синусоли устодони унвони илмӣ дошта, аз 50 сол зиёд аст, ки хеле ташвишовар аст.

**6. Таҳсилоти баъдидипломӣ**

Магистратура зинаи таҳсилоти олии касбӣ буда, мақсади он таъмини соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ва системаи илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мутахассисони баландихтисос ва кадрҳои илмию педагогӣ мебошад. Магистратура таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо стандарти байналмилалии таҳсилот наздик намуда, барои мувофиқати дипломҳо шароити зарурӣ муҳайё месозад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисосҳои мухталиф магистр тайёр мекунанд.

Аспирантура дар заминаи маблағгузории буҷавӣ дар 12 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, дар заминаи худмаблағгузорӣ дар 6 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ҳамаги дар 18 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амал мекунад. Аммо докторон бошанд, дар 5 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз тариқи маблағгузории буҶавӣ тайёр карда мешавад.

Дар солҳои охир танҳо 10,5 фоизи аспирантон аспирантураро бо гирифтани дараҷаи илмӣ хатм мекунанд, ки ифодагари сатҳи пасти самаранокии низоми ҷойдоштаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ мебошад.

Барномаҳои таҳсилоти баъдидипломӣ имконияти бо сифати баланд тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогиро надорад. Масъулияти роҳбари корҳои илмии аспирантон ва мушовирони корҳои илмии докторантҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ паст рафтааст.

Нарасидани кадрҳои илмӣ аз рӯи самтхои мухталиф, аз ҷумла ихтисосҳои тиббӣ (трансплантология ва узвҳои сунъӣ, нейрохирургия, гемотология, тарбияи ҷисмонии муолиҷавӣ, тибби варзишӣ ва дигарҳо) ҷой дорад, ки сабаби он мавҷуд набудани мактабҳои илмии мувофиқ дар ҷумҳурӣ мебошад. Ҳамин ҳолат дар ихтисосҳои техникӣ, технологӣ, микротехнологӣ ва конструкторӣ низ дида мешавад. Дар пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пиршавии кадрҳои унвони илмӣдошта ба назар мерасад. Агар даҳ сол муқаддам синну соли миёнаи докторҳои илм 56 солро ташкил карда бошад, дар шароити кунунӣ ба 62 сол баробар шудааст, синну соли миёнаи номзадҳои илм мувофиқан 52 ва 54 солро ташкил медиҳанд.

Иштироки муҳақиқони муассисаҳои илмӣ дар тайёр намудани мутахассисони касбӣ кам ба чашм мерасад. Фарқияти мазмуни таҳсилот ва вазъи муосири илм гузариши мукаммалро аз тайёр намудани мутахассис ба тайёр намудани мутахассиси тадқиқотчӣ, ки дорои қобилияти эҷодкорона қабул намудани ғояҳои нави илмиро дошта бошад, имконият намедиҳад.

Тадқиқотҳои сершумор оид ба илмҳои педагогӣ натиҷа ва сифату аҳамияти пасти илмӣ-амалӣ доранд. Бинобар ин, новобаста аз он ки дар соли 2006 оид ба илмҳои педагогӣ 7 рисолаи докторӣ ва 27 рисолаи номзадӣ ҳимоя шудааст, усул ва шаклҳои таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бетағйир боқӣ монда истодааст. Ҳамчунин, фаҳмиши кӯҳнашуда оид ба таъиноти педагог чун манбаи донишҳои тайёр дар муассисаҳои касбӣ ва илмӣ боқӣ мондааст, гузашта аз ин, рисолаҳои докторӣ ва номзадии аз педагогика дифоъ гардида характери таърихии педагоги дошта аҳамияти амалӣ ва моҳияти методӣ, назариявӣ ва инноватсионӣ надоранд.

**7. Тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ**

Тайёр намудани мутахассисони варзида оид ба ихтисосҳои омӯзгорӣ ба ӯҳдаи 12 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузошта шудааст. Муассисаҳои номбурда аз рӯи 36 ихтисоси омӯзгорӣ кадр тайёр мекунанд. Ҳоло дар риштаи омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зиёда аз 35 ҳазор нафар донишҷӯён таҳсил менамоянд. Ҳар сол аз ин миқдор зиёда аз 7000 нафар донишҷӯ бо ихтисосҳои омӯзгорӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хатм менамоянд, аммо бо сабаби сатҳи пасти музди маош ва нокифоя будани мақому манзалоти омӯзгор дар ҷомеа 45-50% онҳо ба ҷои кор ҳозир намешаванд.

**8. Иттилоотикунонии соҳаи таҳсилоти касбӣ**

Ҷараёни иттилоотикунонии соҳаи таҳсилоти касбӣ ва бо техникаи компютерӣ таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти касбӣ хеле суст ҷараён мегирад. Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ба як компютер 50 хонанда, вале дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба як компютер 120 донишҷӯ рост меояд. Агар ҳамин масъаларо мутаносибан дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баён намоем, ба 45 донишҷӯ як компютер мерасад. Умуман, дар ҷумҳурӣ ба шабакаи Интернет 1 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пайваст мебошанд.

Самтҳои асосии амалигардонии риштаи иттилооткунонии таҳсилоти касбӣ аз масъалаҳои зерин иборат аст:

- такмил додани заминаҳои меъёрии хуқуқӣ оид ба ҷорӣ намудани технологияи иттилоотии компьютерӣ дар раванди таълим;
- таҳия ва ҷорӣ кардани технологияи таҳсили фосилавӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбӣ;
- ташкил кардани марказҳои таълимӣ - иттилоотии зоҳиравӣ дар минтақаҳо оид ба таҳсилоти касбӣ;
- таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо таҷҳизот ва маводҳои электронии таълимӣ;
- ҷорӣ намудани низоми иттилотии мониторингӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

Амалӣ гардидани самтҳои асосии иттилооткунӣ сифати таҳсилотро баланд бардошта, раванди таълим ва сифати идоракунии муассисаҳои таҳсилоти касбиро баланд мебардорад.

Дар сатҳи таҳсилоти касбӣ, хусусан дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ системаҳои маҳдуди идоракунии раванди таълим, ки бо системаи иттилоотии муосир мувофиқат намекунад, вуҷуд дорад.

Фақат муассисаҳои ҷудогонаи таҳсилоти олии касбӣ технологияи таълими фосилавиро ҷорӣ карданд, ки он ҳам дар режими экспериментаӣ татбиқ шуда истодааст.

**9. Тавозуни молиявии соҳаи таҳсилоти касбӣ**

Устувор гардидани вазъи иқтисодии мамлакат имконияти зиёд кардани хароҷоти маблағҳои буҷаи давлатиро ба соҳаи таҳсилоти касбӣ фароҳам овард (Ҷадвали 5).

Ҷадвали 5.

| | 2000 | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Таҳсилоти ибтидоии касбӣ** | 2693 | 3018 | 3910 | 5299 | 6540 | 7083 | 8970 | 9715 |
| **Таҳсилоти миёнаи касбӣ** | 2662 | 2528 | 2989 | 3495 | 50001 | 6543 | 9458 | 11453 |
| **Таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ** | 8120 | 9344 | 11783 | 12763 | 15506 | 13732 | 19684 | 23837 |
| **Ҳамагӣ** | 81416 | 103076 | 118977 | 149521 | 191315 | 250700 | 336070 | 50630 0 |
| **Дар % ба ММД** | 3:1 | 3:1 | 3:2 | 3:4 | 3:8 | 3:5 | 3:4 | 3:4 |

Хароҷоти давлат ба соҳаи таҳсилоти касбӣ на фақат дар нишондиҳандаҳои мутлақ, балки бо фоиз низ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ новобаста аз суръати баланди рушди он зиёд шуд.

**10. Муайян намудани сифати таҳсилоти касбӣ**

Дар соҳаи таҳсилоти касбӣ системаи мустақили муайян намудани сифати таълим ҷорӣ шуда истодааст. Таъсиси Маркази ягонаи миллии тестӣ дар ҷумҳурӣ амри зарурӣ ва воқеъӣ мегардад.

Механизми амалкунандаи назорат ва муайян намудани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбӣ ба таври пурра вазъи воқеии таҳсилотро ифода карда наметавонад, бинобар ин он воситаи объективона баҳо додан ба сифати таҳсилоти касбӣ намебошад. Гузашта аз ин нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои муайянкунии сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ номукаммал мебошанд. Ҳанӯз мониторинги объективии муайян намудани сифати таълим вуҷуд надорад. Ҷузъҳои таркибии идоракунии сифати таҳсилот новобаста аз якдигар фаъолият мекунанд. Робитаи муттақобила байни унсурҳои таркибии назорати сифати таҳсилот дида намешавад. Мазмун, мақсад ва вазифаҳои муайян намудани комёбиҳои муҳасилин ба талаботи муосир оид ба муайян намудани сифати дониши донишҷӯ ҷавобгӯ нест. Мутаасифона, Тоҷикистон дар барномаҳои байналмилалӣ оид ба тадқиқотҳои илмии муайян намудани сатҳи дониши муҳасилин иштирок намекунад (ки хеле тааҷҷубовар аст).

Системаи амалкунандаи омори бахши таҳсилоти касбӣ ба талаботи муосир, ҳам аз назари мазмун ва ҳам аз назари технологӣ мувофиқат намекунад. Мазмуни системаи амалкунандаи омори таҳсилоти касбӣ коста буда характери амалӣ надорад. Силсилаи иттиллоотии якхелаи оморӣ дар маҷмӯъ пурра таҳия нагардидааст.

Ҳолати мавҷудаи таҳсилоти касбӣ бо сабабҳои зерин ба вуҷуд омадааст:

-баҳои объктивона надодан ба сифати таҳсилоти касбӣ;

-нокифоя будани татбиқи навовариҳо дар соҳаи таҳсилоти касбӣ;

-пайравӣ ба принсипҳои кӯҳнашудаи таълиму тадрис дар соҳаи таҳсилоти касбӣ;

-сатҳи пасти тайёр намудани кадрҳои педагогӣ ва аз муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ аз кор рафтани кадрҳои баландихтисос ;

-ниҳоят суст будани ҳавасмандии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

-маблағгузории нокифоя барои таҳкими базаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

-мувофиқат накардани таҷҳизоти лабораторӣ, тарбияи ҷисмонӣ, адабиёти таълимӣ ва илмӣ-методӣ ба талаботи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

-вуҷуд надоштани пешгӯиҳои илман асоснокшудаи талаботи бозори меҳнат ба равия ва ихтисосҳои тахасусҳои навтарини касбӣ;

-муайян набудани таълимоти методологӣ ҳангоми таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

-истифода нашудани механизми ҷалби кордиҳандагон ва шарикони иҶтимоии онҳо ба раванди тайёр намудани мутахассисони касбӣ;

-то ҳол таҳия нагардидани технологияи нави баҳодиҳӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ;

-таҷдиди назар нагардидани сохтори бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

-вуҷуд надоштани инфраструктураи ягонаи иттилоотии таҳсилоти касбӣ;

Вобаста ба беҳтар шудани вазъи иқтисодии мамлакат барои татбиқи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ шароити нисбатан муътадил ба вуҷуд омад. Вале ин барои бартараф намудани ноқисиҳои системаи таҳсилоти касбӣ ва ба талаботи иқтисоди бозоргонӣ ва ҷомеаи кушоди шаҳрвандӣ мувофиқ гардонидани он нокифоя мебошад.

Аз ин рӯ, бартараф намудани ҳодисаҳои манфӣ, азнавсозиҳои ташкилию сохторӣ, пурра нав кардани мазмуни таҳсилоти касбӣ, тайёр кардани мутахассисон мувофиқи талаботи бозори меҳнат, зарурӣ ва тақозои замон мегардад.

**11. Мақсад ва вазифаҳои Барнома**

Дар асоси нақшаи Стратегияи Миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015, модернизатсия намудани низоми миллии

таҳсилоти касбии бисёрзинагӣ, инчунин вусъат бахшидани сифати тайёр намудани нерӯи одамӣ, қонеъ гардонидани талаботи шахс ва ҷомеа мақсади асосии ҳамин барнома мебошад.

Вазифаҳои асосии Барнома аз инҳо иборат аст:

-таъмин ва дастрас намудани таҳсилоти босифат барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ;

-дар асоси демократиконии минбаъдаи идоракунии маориф такмил додани меъёрҳои ҳуқуқии низоми миллии таҳсилоти касбӣ;

-тарбияи ватандӯстӣ, қобилияти касбӣ, фарҳанги баланд, эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;

- инкишофи афзалиятноки забони давлатӣ;

- азнавсозии мазмун ва сохтори таҳсилоти касбӣ дар асоси анъанаҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷаҳонӣ ва принсипҳои рушди мунтазам;

- реструктуризатсияи низоми таҳсилоти касбӣ ва тайёр намудани кадрҳо мувофиқи меъёрҳои Таснифгари байналмиллалии стандарти таҳсилот;

- дар асоси низоми кредитии таҳсилот ташкил кардани модели сезинагии тайёр намудани кадрҳо (бакалавриат, магистратура ва докторантура);

- баланд бардоштани сифати тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва дар бозори меҳнат рақобатпазир;

- ҳамгироӣ бо фазои ҷаҳонии таҳсилоти касбӣ;

- ташкил кардани низоми миллии баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилоти касбӣ;

- фароҳам овардани муҳити ягонаи иттилоотии таҳсилоти касбӣ;

- такмил додани низоми таъминоти таълими методӣ ва илмии раванди таҳсилоти касбӣ;

- таҳкими заминаи моддӣ-техникии соҳаи таҳсилоти касбӣ;

- ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот;

- Ҷалби самараноки захираҳои иқтисодӣ барои баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ;

- таъмини тавозуни манфиатҳои давлат, Ҷамъият ва шахс дар системаи таҳсилоти касбӣ.

**12. Самтҳои асосӣ ва механизми тадбиқи амалии Барнома**

Барои татбиқи вазифаҳои Барнома зарур аст:

- трансформатсияи мазмуни таҳсилот аз донишмарказонидан ба «салоҳиятдорӣ ва масъулиятшиносӣ», ки ба натиҷаи ниҳоӣ нигаронида шудааст, таъмин карда шавад;

- базаи моддию техникӣ, муҳити фаннию маконӣ ва таъминоти таълимию методии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ ва талаботи раванди таълимию тарбиявӣ мувофиқ карда шавад;

- маданияти забондонӣ, иттилоотӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии муҳасилин таҳким бахшида шавад;

- такмил бахшидани сохтор ва мазмуни барномаҳои таҳсилоти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбӣ;

-таъмини пай дар пайи зинаҳои таҳсилоти касбӣ аз рӯи мазмун ва давомнокии таҳсилот;

**13. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ**

Таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯи ихтисосҳои техникӣ ва хоҷагии қишлоқ мегузарад ва он қисми таркибии системаи таҳсилоти касбиро ташкил медиҳад. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ, тайёр намудани мутахассисонро дар сатҳи талаботи технологияҳои навтарин ва бозори меҳнат таъмин менамояд.

Таҳсилоти ибтидоии касбӣ зинаи поёнӣ ва базавии системаи таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ буда, тайёр намудани кадрҳои коргарӣ, мутахассисони техникию ёрирасон доир ба ҳамаи самтҳои хоҷагии халкро ба ӯҳда дорад.

Таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯи мураккабӣ ва татбиқи барномаҳои касбии таҳсилот ба ду зина тақсим мешавад:

1) таҳсилоти техникӣ ва касбии зинаи якум, ки мушкилоти аз худ намудани маҳорат ва ҳунари иҷро намудани корҳоро оид ба касбҳои оммавии номураккаби техникӣ ва хизматрасонӣ, ки тайёрии ҳаматарафаи назариявӣ ва касбиро талаб намекунад, пешбинӣ месозад. Мазмуни барномаҳои таҳсилоти зинаи якум аз омӯзиши курсҳои ягона оид ба фанҳои таҳсилоти умумӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва бомуваффаққият азхуднамудани фанҳои умумикасбӣ ва гирифтани ҳунару малакаҳои касбӣ иборат мебошанд. Бо итмомёбии таҳсил сатҳи тахассуси касбӣ (разряд, класс, гурӯҳ) аз рӯи касби муайян дода мешавад. Давомнокии таҳсил дар заминаи таҳсилоти техникӣ ва касбии зинаи якум на камтар аз ду сол мебошад;

2) таҳсилоти техникӣ ва касбии зинаи дуюм азхудкунии ихтисосҳои нисбатан мураккаб ва ҳунару малакаи амалии иҷроиши корҳои техникӣ ва хизматрасониро дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт пешбинӣ мекунад, ки аз технологияҳои муосир ва аз фаъолияти касбӣ вобаста мебошад.

Мазмуни барномаҳои таълимии ин зина омӯзиши фанҳои гуманитарӣ, иқтисодӣ, умумикасбӣ, махсус ва иҷро намудани корҳои таҷрибавиро оид ба азхудкунӣ ва таҳкимдиҳии ҳунару малакаҳои касбӣ дар бар мегирад. Баъди анҷомёбии таҳсил сатҳи баланди тахассуси касбӣ аз рӯи ихтисоси муайян (техники механик, техники сохтмончӣ ва ғайраҳо) дода мешавад. Давомнокии таҳсил дар заминаи таҳсилоти асосии умумӣ на камтар аз се сол аст.

Барномаҳои таълимии ин зинаи таҳсилот бо барномаҳои зинаҳои минбаъдаи таҳсилот ҳамоҳанг сохта шудааст.

Барои шахсони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ барномаҳои таълимии фанҳои умумикасбӣ, иқтисодӣ ва махсусро пешбинӣ мекунад, ки онҳо фаъолияти касбиро дар оянда аз рӯи ихтисоси

интихобкардашуда муайян мекунанд. Давомнокии таҳсил аз мураккабии барномаҳо ва сатҳи касби интихобшаванда вобаста аст.

**14. Таҳсилоти миёнаи касбӣ**

Дар натиҷаи татбиқи барномаҳои таълимӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ба сатҳи сифатан нав бароварда мешавад.Таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун қисми таркибии системаи таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манбаи асосии тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои татбиқи барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тайёр кардани мутахассисони звенаои мобайнӣ, ки касби хизматрасонии техникӣ ва мутахассисони хурди низоми идоракуниро ғолибан дар соҳаҳои иқтисодиёт, ҳуқуқ, экология, тиб, омӯзгорӣ, технологияи информатсионӣ ва менеҷменти иноватсионӣ дар бар мегирад, фақат дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ карда метавонад. Мазмун ва мӯҳтавои барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ аз тарафи Дастгоҳи марказии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи талаботи бозори меҳнат ва фазои ягонаи таҳсилоти касбии ҷаҳонӣ муайян карда мешавад. Давомнокии омӯзиш на камтар аз ду сол, вале дар заминаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ на камтар аз як сол мебошад.

Мазмунан барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, барномаҳое мебошанд, ки фанҳои иҷтимоию гуманитарӣ ва табиию илмиро дар бар мегиранд, ки ба блоки якум ва дуюми барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳамоҳанг ва мувофиқ кунонида шудааст.

Баробари ба анҷом расонидани таҳсилоти касбӣ ба хатмкунандагон тахассуси мутахассиси хурди хизматрасон дар соҳаи иқтисодиёт, ҳуқуқ, сотсиология, психология, тиб, омӯзгорӣ ва технологияи иттилоотӣ ва дигар ихтисосҳо дода мешавад.

Рушди минбаъдаи таҳсилоти миёнаи касбӣ амалӣ гардонидани чораҳои зеринро дар назар дорад:

- зиёд намудани маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва маблағҳои сектори хусусӣ васеъ намудан ва инкишоф додани шабакаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ – сохтмон ва таҳкими базаи моддӣ - техникӣ;

-аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлат ва маблғҳои буҷети маҳаллӣ касбӣ ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси техникӣ ва соҳаи хизматрасонӣ дар сатҳи минтақавӣ аз рӯи касбҳо ва ихтисосҳои аҳамияти стратегӣ дошта;

-аз ҳисоби истифодаи низоми имтиёзноки андозбандӣ ташкил кардани механизми ҳавасмандгардонии маблағгузориҳои сектори хусусӣ ба соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ;

-такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

-таҳия, чоп ва истифодаи самараноки китобҳои дарсӣ ва маҷмӯаи таълимӣ-методии фанҳои мухталифи таҳсилоти миёнаи касбӣ;

-иттилооткунонии ташкили низоми таълиму тадриси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

-ҳамоҳанг сохтани стандартҳои давлатии умумиҳатмии таҳсилоти касбӣ бо таснифгари стандартҳои байналхалқии таҳсилот (соли 1997);

-ҷорӣ намудани системаи кредитии таҳсилот ва минбаъд ҳамоҳанг сохтани барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

-ҷорӣ намудани системаи маниторингӣ новобаста ва озод ба сифати тайёр намудани мутахассисони касбӣ ва вобаста ба натиҷаи он додани ихтисос ва тахассуси касбӣ ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

Барномаҳои таҳсилоти касбиро муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ метавонанд мувофиқи базаи моддию-техникӣ ва иҷозатномаи пешбурди фаъолият татбиқ намоянд.

**15. Таҳсилоти олии касбӣ**

Барои рушду нумӯи таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ мешавад:

-минбаъд ҳам такмил додани таснифгари равия ва ихтисосҳои таҳсилоти олии касбӣ;

-таҳия ва мавриди истифода қарор додани технологияи пешқадами системаи кредитии таҳсилот ва таҳсилоти фосилавӣ;

-ба дараҷаи баъдидипломӣ гузаронидани системаи таҳсилоти магисратура;

-трансформатсияи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломӣ ба модели сезинагӣ: бакалавриат, мутахассис ва магистратура;

-таҳия ва мураттаб сохтани барномаҳои таълимии таҳсилоти бакалавриат, ки ба сохтор ва мазмуни барномаҳои байналмилалӣ ҳамоҳанг гардонида шуда бошад;

-баланд бардоштан ва дастраси тамоми табақаҳои аҳолӣ гардонидани таҳсилоти олии касбӣ ва зиёд намудани миқдори грантҳои давлатӣ ва ташкил намудани модели нави кредитӣ (қарздиҳӣ) ба донишҷӯён;

-ҷорӣ намудани механизми тақсими дархости давлатӣ (бурсияҳои давлатӣ) ба тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ;

- инкишофи шарики иҷтимоӣ, ҷалби кордиҳандагон барои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии касбӣ, бозомӯзии донишҷӯён ва ба кор таъмин кардани хатмкунандагон;

- таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва механизмҳои ташкилию иқтисодии ҷалби мутахассисони унвони илмидоштаи муассисаҳои илмӣ-татқиқотӣ барои тайёр намудани мутахассисони таҳсилоти олии касбӣ;

- таъмини шаффофияти фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- таҳким ва азнавсозии заминаи моддию техникӣ ва таълимию лаборатории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- пурзӯр намудани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва бо кадрҳои варзидаи унвони илмӣдошта таъмин намудани онҳо;

- ташкил кардани принсипҳои нави идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки аз банақшагирии стратегӣ, системаи менеҷменти сифат ва зиёдшавии худмухторӣ иборат мебошад;

-афзоиши миқдори профессорон – омӯзгорони унвондори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- ба тартиб даровардани мазмун ва сохтори таҳсилоти касбии ғоибона, шабона ва иловагӣ;

Ба ҷои системаи анъанавии раванди таълим системаи кредитии таҳсил Ҷорӣ карда мешавад, ки вай барои корҳои фаъолонаю мустақилона донишҷӯёнро ҳавасманд гардонида, зудҳаракатӣ, сатҳи баланди озодии раванди таҳсили бакалаврҳо, магистрантҳо ва докторантҳоро таъмин мекунад, эътирофи ҳуҷҷатҳоро дар фазои ҷаҳонии таҳсилот имконпазир мегардонад.

Мазмуни таҳсилот дар ду курси аввали бакалавриат дар сатҳи максималӣ айниятдор гардонида мешавад, аммо дар курсҳои баъдинаи бакалавриат тайёрӣ аз рӯи фанҳои тахассусӣ (асосӣ) ба амал баровварда мешавад. Дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил намудани курсҳои тайёрӣ амалӣ карда мешавад.

Мӯҳлати таҳсил дар бакалавриатура аз рӯи ихтисосҳои омӯзгорӣ, иҷтимоӣ, гуманитарӣ ва ихтисосҳои иқтисодӣ на зиёда аз чор сол муайян карда мешавад.

Азхудкунии барномаҳои таҳсилоти бакалавриат бо аттестатсияи Ҷамъбастии давлатӣ бо додани дараҶаи академии тахассуси бакалавр оид ба ин ё он соҳа анҶом меёбад.

Минбаъд бакалавр имконияти давом додани таҳсилро дар магистратура дорад.

**16. Таҳсилоти касбии баъдидипломӣ**

Дар магистратура таҳсил аз рӯи ду самт гузаронида мешавад:

1) таҳсилоти амиқи касбӣ;

2) таҳсилоти илмии педагогӣ;

Барномаи таълимии магистратура тайёрии таҳсилоти фундаменталӣ, методологӣ тадқиқотӣ ва омӯзиши жарфтари фанҳои мухталиф, риштаҳои мушахаси илмиро тақозо менамояд.

Бояд хаҷми маблағҳо барои тайёр кардани мутахассисон дар магистратура хеле афзоиш ёфта, истифодаи самаранокии онҳо таъмин карда шавад.

Ба хатмкунандагони магистратура дараҷаи академии «магистр» дода мешавад. Магистрҳо ҳуқуқи давом додани таҳсил дар аспирантура, ё ки ба кори илмию педагогӣ машғул шудан ва ё дигар намуди фаъолияти меҳнатиро доранд.

Аспирантура зинаи муайяни таҳсилот дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ мебошад.

Мӯҳлати таҳсил аз рӯи барномаҳои аспирантура на камтар аз се сол рӯзона ва на камтар аз чор сол дар шӯъбаи ғоибона мебошад.

Ба шахсон, ки барномаи аспирантураро аз худ намудаанд ва рисолаи аспирантӣ ҳимоя кардаанд, унвони академии номзади илм аз рӯи касб (тиб, мусиқӣ, педагонӣ, ҳуқуқ ва дигарҳо) дода мешавад.

Ба шахсоне, ки барномаи докторантиро аз худ намудаанд ва рисолаи докторӣ ҳимоя кардаанд, унвони академии доктори илм вобаста ба касб (фалсафа, математика, химия, иқтисод ва дигарҳо дода мешавад).

Барномаҳои аспирантӣ ва докторӣ ягонагии таҳсилот ва татқиқот, тайёрии васеи илмӣ, тадқиқотӣ ва методологӣ: зудҳаракатии академии омӯзгорон ва кормандони илмро таъмин менамояд.

Ҳамгироии таҳсилоти касбӣ ва илм дар самтҳои зерин идома меёбад:

- мутамарказонидани захираҳо дар самтҳои афзалиятноки илмӣ;

- ташкил намудани муассисаҳои таълими илмӣ, лабораторияҳои илмӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, кафедраю филиалҳо, муассисаҳои илмӣ ва технопаркҳо;

- гузаронидани татқиқотҳои илмии муштарак аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ, ки муттасадии барномаҳои илмӣ мебошанд.

**17. Тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгорӣ**

Дар соҳаи тайёр намудани бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгорӣ талаботҳои зерин пешбинӣ мешаванд:

-барқарор намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар донишгоҳҳо сурат мегирад;

- азнавсозии мазмуни барномаҳои таълимии ихтисосҳои педагогӣ, ташкил кардани моделҳои гуногуни таҳсилот;

- ҳангоми тарҳезии барномаҳои тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ мунтазам барои тамоми давраи таҳсил ворид сохтани таҷрибаомӯзии пай дар пайи педагогӣ ва психологию педагогӣ;

-бозомӯзии омӯзгорони фаннӣ аз рӯи барномаҳои кӯтоҳмуддати таҳсилоти касбии ихтисоси дуюм, аз ҷумла аз рӯи забонҳои давлатӣ, хориҷӣ, информатика, психология;

-барои омӯзгорони оянда ҷорӣ кардани таҷрибаомӯзии педагогӣ аз се моҳ то як сол дар заминаи баҳодиҳии мустақилонаи сатҳи омодагии онҳо;

- зиёд кардани дархости давлатӣ барои тайёр намудани мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои педагогӣ барои кор дар мактабҳои таҳсили умумӣ ва муассисаҳои томактабӣ, махсус, таҳсилоти ибтидоии миёна ва олии касбӣ;

- таҳияи системаи нави аттестатсия ва азнавбаҳодиҳии омӯзгорон ва роҳбарон, сертификатсияи фаъолияти педагогии омӯзгорон;

- такмил додани механизми ҳавасмандгардонии меҳнат ва ҷо ба ҷо гузории кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

- ба амал баровардани бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бо назардошти тағйирёбии технологияи таҳсил, услуб ва мазмуни нави таҳсилоти касбӣ;

-ба амал баровардан ва тайёр намудани роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аз рӯи барномаҳои менеҷмент дар соҳаи таҳсилоти касбӣ;

-такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси қарордодҳо ва барномаҳои байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва байналмилалӣ.

Ҳангоми тайёр кардани кадрҳои педагогӣ барои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ имконияти таълиму тадриси фанҳои педагогика ва психологияи кор бо кӯдакони синни томактабӣ, менеҷменти таҳсилоти томактабӣ, забони хориҷӣ барои бачагони синни томактабӣ, педагогикаи таҳсилоти иловагӣ пешбинӣ карда мешавад.

Барномаи таълимии мазкур бо мақсади тайёр намудани омӯзгорони забондон, ки аз технологияҳои инноватсионии муосири педагогӣ, ҳунару маҳорати ҷустуҷӯӣ, тадқиқотӣ ва технологияҳои таълими фосилавӣ бархурдор, нигаронида мешаванд.

**18. Иттилоотикунонии таҳсилоти касбӣ**

Самтҳои асосии амалигардонии бахши иттилоотикунонии таҳсилоти касбӣ аз масъалаҳои зерин иборат аст:

- такмил додани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҷорӣ намудани технологияи иттилоотии компютерӣ дар раванди таълим;

- ҷорӣ кардани технологияи таҳсили фосилавӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбӣ;

-ташкил намудани низоми иттилоотии идоракунии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

- ташкил кардани марказҳои таълимии иттилоотии захиравӣ дар минтақаҳо ва дастгоҳи марказии Вазорати маориф оид ба таҳсилоти касбӣ;

- мувофиқи барномаҳои таълимӣ таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо таҷҳизот ва маводҳои электронии таълимӣ;

- ҷорӣ намудани низоми иттилоотии мониторингӣ ва дар асоси он идора намудани муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

-ташкил намудани низоми иттилоотии идоракунии муассисаи таҳсилоти касбӣ;

Амалигардонии самтҳои асосии иттилооткунонии фавкуззикр, сифати таҳсилотро аз ҳисоби ҷорӣ кардани технологияи коммуникатсионии иттилоотӣ баланд бардошта, раванди таълим ва қабули қарорҳоро ҷиҳати идоракунӣ таъмин менамояд.

**19. Системаи миллии муайян намудани сифати таҳсилоти касбӣ**

Барои татбиқи вазифаҳои системаи миллии муайян намудани сифати таҳсилоти касбӣ бояд чорабиниҳои зерин иҷро карда шавад:

- муайян намудани сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбӣ;

- татбиқи амалии қойида ва тартиботи дохилию берунӣ муайян намудани сифати таҳсилоти касбӣ ва дастовардҳои таълимии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

- таҳия намудани системаи меъёрҳо муайянкунандаи сифати таҳсилоти касбӣ;

-муайян намудан ва такмил додани воситаҳо ва таҷҳизоти стандартии баҳодиҳии сатҳи дониши хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

- ташкил намудани зерсохтори маркази миллии имтиҳонӣ барои муайян намудани сифати таҳсилоти касбӣ;

- баланд бардоштани талаботи касбӣ, масъулият ва ҷавобгарии кадрҳои роҳбарикунандаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

Барои баҳодиҳии берунии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, тартиботи литсензиядиҳӣ (иҷозатномадиҳӣ), аттестатсия, аккредитатсия, имтиҳонгирии марказонидашуда ва татқиқоти мустақили мониторингӣ пешбинӣ карда мешавад.

Назорати давлатии дастовардҳои таҳсилотии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар шакли имтиҳонгирии марказонидашуда ҳангоми дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва дар вақти ба охир расонидани хар як зинаи таҳсилоти касбӣ гузаронида мешавад.

Фаъолияти системаи ягонаи миллии муайянкунии сифати таҳсилот бо зерсохтори муайян дар маҳалҳо дастгирӣ меёбад.

Маркази ягонаи миллии стандартҳои давлатии таҳсилот ва имтиҳонгирӣ, баҳодиҳии берунии комёбиҳои таълимии хонандагон ва донишҶӯёнро дар ҳамаи дараҷаҳо ва зинаҳои таҳсилот дар шакли имтиҳонгирии ягонаи марказонидашуда мегузаронад, мувофиқати методологӣ, технологӣ-техникии дониши хонандагон ва донишҷӯёнро бо барномаҳои давлатии таҳсилот муайян менамояд, барномаҳои давлатӣ ва стандартҳои давлатии умумиҳатмии таҳсилотро таҳия ва мураттаб сохта заминаи илмӣ, методологӣ ва методиро барои таҳияи мазмуни стандартҳои давлатии таҳсилот муҳайё месозад.

Маркази ягонаи миллии муайянкунии сифати таҳсилот мониторинги вазъи системаи таҳсилоти касбиро мегузаронад, дар таҳия ва мураттаб сохтани стратегияи рушди соҳаи таҳсилоти касбӣ ширкат меварзад, базаи оморӣи маълумотро оид ба гузаронидани таҳлил ва муайян намудани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ташкил намуда, захираҳои иттилоотиро ба системаи ягонаи мониторинги тамоми сохторҳои соҳаи маориф муттаҳид менамояд ва ҳар сол маълумот дар бораи вазъи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро тайёр карда дастраси роҳбарияти ҷумҳурӣ мегардонад.

Маркази миллии аккредитатсионӣ аккредитатсияи институтсионалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва аккредитатсияи барномаҳои таҳсилоти касбиро мегузаронад, меъёрҳои мувофиқгардонидашуда ва қоидаю тартиботи аккредитатсиякунониро барои муайян намудани сифати таълим мувофиқи шартҳои Болон таҳия

менамояд, тартиботи эътирофкунӣ ва нострификатсияи ҳуҷҷатҳоро оид ба зинаҳои гуногуни таҳсилот, ки аз тарафи муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ дода шудаанд, мегузаронад ва дар таҳияву таҳлили барномаҳои байналмилалӣ оид ба инкишоф ва таъмини сифати таълим ширкат меварзад.

Маркази сертификатдиҳӣ, менеҷменти сифат ва консалтинг дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низоми сертификатсияи системаҳои менеҶменти сифатро дар асоси стандартҳои ISO серияҳои 9000 ва 14000 ҷорӣ мекунад ва мегузаронад, ҳуҷҷатҳои таълимию методӣ ва меъёриро дар соҳаи менеҷменти сифат таҳия месозад.

Маркази ҷумҳуриявии тасдиқкунӣ ва додани касб ва тахассус омодагии профессионалии хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти касбиро объективона муайян намуда, ба ӯ касб ва тахассус медиҳад.

**20. Манбаъҳои зарурӣ ва сарчашмаҳои молиявии Барнома**

Барои гузариш ба модели нави таҳсилоти касбӣ ногузир бояд базаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мустаҳкам карда шавад. Маблағҳои зарурӣ барои татбиқи барнома аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети маҳаллӣ ва аз ҳисоби маблағҳои даромади дохилии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ муқаррари муайян карда мешавад. Гузашта аз ин, ҳаҷми маблағгузории барнома дар солҳои 2008 - 2015 дар вақти банақшагирии буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба солҳои молиявӣ мувофиқ аниқ муайян карда мешавад. Маблағи умумии хароҷот барои амалигардонии Барнома 2,698 млн сомониро дар нархҳои базавии соли 2007 ташкил менамояд (Ҷадвали 6)

Ҷадвали 6.
(ба ҳисоби ҳазор сомонӣ).

| **Ҳамагӣ Буҷети Ҷумҳурӣ** | **2008** | **2009** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.698.784 | 95.583 | 129.993 | 176.140 | 236.908 | 317.457 | 424.440 | 565.778 | 752.485 |

**21. Натиҷаи ниҳоии амалигардонӣ ва нишондиҳандаҳои Барнома**

Барнома марҳила ба марҳала амалӣ гардонида мешавад.

Марҳилаи якум (солҳои 2008 - 2012)

Системаи ягонаи идоракунии таҳсилоти касбӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақавӣ ташкил карда мешавад.

Дар соҳаи таҳсилоти касбӣ:

- заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии ҷалби сектори воқеъии иқтисодиёт барои ташкил ва тайёр намудани кадрҳои баландиихтисос ташкил карда мешавад;

- таҳсилоти касбӣ дастраси аҳолӣ гардида, мақому манзалати он барои қонеъ гардонидани талаботи бозори меҳнат ва талаботи ҷомеа афзун мешавад (ҳиссаи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки таҳсилро дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ идома медиҳанд, на камтар аз 60% мегардад);

- робитаи мутақобилаи таҳсилоти касбӣ бо кордиҳандагон ва субъектҳои тиҷорати хурд ва миёна густариш ёфта, самаранокии ҳамкориҳои шарикию иҷтимоӣ баланд мегардад;

- адабиёти навини дарсӣ, таълимию методӣ, воситаи таҳсил мувофиқ ба талаботи муосири кордиҳандагон ва стандартҳои давлатии таҳсилот таҳия ва аз чоп бароварда мешавад;

-системаи кредитии таҳсилот ҷорӣ мегардад, ҳамоҳангсозии барномаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ таъмин карда мешавад;

- истифодаи технологияи иттилоотию компютерӣ дар раванди таҳсилоти касбӣ васеъ истифода мегардад;

- микдори компютерҳо дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мутаносибан ба 15 хонанда ва донишҷӯ як компютер расонида мешавад;

-системаи одилонаи ба кор ҷалб намудани мутахассисони ҷавон, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо ташкил мешавад, инчунин, барои худмуайянкунии касбӣ, аз ҷумла барои кушодани тиҷорати хусусӣ шароит фароҳам мегардад;

- низоми озод ва одилонаи баҳодиҳӣ ба омадагии касбии мутахассисон, додани касб ва тахасус ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба вуҷуд оварда мешавад;

- базаи модию техникии муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии таҳсилоти касбӣ ба вуҷуд оварда мешавад;

Дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ шароити мӯътадил барои ҳамроҳ шудани Тоҷикистон ба раванди Болон ба вуҷуд оварда мешавад.

Дар натиҷаи баланд бардоштани талаботи касбӣ ба кадрҳои баландихтисос ва таъминоти базаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шабакаи муассисаҳои олии таълимии шаҳрвандӣ ва филиалҳои онҳо тавсис дода мешавад. Ҳамасола то 50 номгӯи китобҳои дарсӣ, васоити таълимию методӣ ва маҷмӯаҳои таълимию методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (наздик ба 90 фоизи онҳо бо забонӣ давлатӣ) таҳия карда мешаванд, зиёда аз 300 номгӯи адабиёти дарсии хориҷӣ, аз ҷумла, аз рӯи фанҳои барномаи нави таҳсилотии бакалавриат, магистратура ва барномаҳои мутахассис харидорӣ мешаванд. Китобҳои дарсӣ аз рӯи ихтисосҳои афзалиятнок, пеш аз ҳама ихтисосҳои табиатшиносӣ, техникӣ, технологӣ, тиббӣ, аграрӣ, байторӣ ва педагогӣ чоп карда мешаванд.

Трансформатсияи марҳила ба марҳилаи аспирантура, докторантураи анъанавӣ ва гузариши пурра ба низоми сезинагии тайёркунии кадрҳо (бакалавриат, магистратура ва мутахассис) ба роҳ монда мешавад. Қабули ҳарсола аз рӯи барномаҳои нав мувофиқи супориши давлатӣ ба магистратура то 20 % хатмкунандагони бакалавриатро ва ба аспирантура бошад ҳар сол то 30% хатмкунандагони магистратураро ташкил медиҳанд.

Ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии беҳтарини кишварҳои хориҷии дуру наздик 1,5 ҳазор шаҳрвандон барои таҳсил аз рӯи барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ равон карда мешаванд.

Бояд:

- барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ нав карда шаванд, донишҳои бунёдӣ, қобилияти эҷодии донишҷӯён, сатҳи баланди донишандӯзии донишҳои фаннии муҳассилин таъмин карда шавад;

- шароити мусоид барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯён, интихоби индивидуалии самт ва равияи таҳсилот, зудҳаракатии академии таҳсилкунандагон ва омӯзгорон таъмин карда шавад;

- системаи менеҷменти сифат ворид гардида, шароит барои акредитатсияи барномаҳои таҳсилоти касбии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил карда шавад;

- иштироки кордиҳандагон ва дигар шарикони иҷтимоии онҳо дар ҳалли проблемаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла дар таҳияи стандартҳои таҳсилоти касбӣ, дар омода намудани супориш барои тайёр кардани мутахассисон, ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва коромӯзии донишҷӯён таъмин карда мешавад;

- механизми барқарорнамоии контингенти донишҷӯён бо мақсади интихоб кардани ҷавонони лаёқадманд такмил меёбанд;

- сатҳи дастрас будани таҳсилоти олӣ ба воситаи зиёд кардани миқдори бурсияҳои давлатӣ ва ташкил кардани модели нави кредитдиҳӣ барои таҳсили донишҷӯён баланд шаванд;

- мӯҳлати тайёр кардани кадрҳои илмию педагогӣ тахассуси олии касбӣ ба воситаи пай дар пай тақвият додан кӯтоҳ карда шуда, барномаҳои таҳсилоти магистратура, аспирантура ва докторантура таъмин карда шаванд, ки он барои ҷалб намудани ҷавонон ба соҳаи илм шароит ба вуҷуд орад;

- ба талаботи литсензионӣ, аттестатсионӣ, аккредитатсионие, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ, аз ҷумла ба теъдоди ҳатмии кадрҳои унвони номзади илм ва доктори илм дошта пешниҳод мешаванд, тағйироту иловаҳо дохил карда шаванд;

-тағйироту иловаҳо ба маълумотномаи квалификатсионии вазифаҳои роҳбарон, мутахассисон ва дигар хизматчиён, тавсифномаи квалификатсионии вазифаҳои кормандони муассисаҳои илмӣ тағйироту иловаҳо ворид сохта шаванд;

- механизми кафолатдиҳандаи баробарэътирофнамоии дипломҳои аъанавии номзадҳову докторҳои илм ташкил карда шаванд;

- шароити мӯътадил барои инкишофи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии бонуфуз ба вуҷуд оварда шавад.

Бояд дар базаи донишгоҳҳои асосӣ марказҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолият кунанд. Дар ин Марказҳо барномаҳои такмили ихтисос зиёда аз ҳазор нафар омӯзгоронро фаро мегиранд.

Дар натиҷаи иҷро гардидани Барномаи мазкур заминаҳо барои рушди муҳити ягонаи иттилоотии таҳсилоти касбӣ ба вуҷуд меояд, ки дар навбати худ имконият медиҳад:

- асосҳои системаи ягонаи иттилоотӣ ва таъминоти илмию методии рушди таҳсилоти касбиро ташкил намоем;

- муҳити ягонаи техникӣ ва технологӣ ташкил намуда системаи соҳавӣ барои самаранок идора кардани объектҳо ва равандҳои таҳсилотро назорат намоем;

- сифати таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти талаботи бозори меҳнат баланд бардошта, истифодаи ратсионалии кадрҳои педагогии тахассуси олӣ, тайёр кардани мутахассисонро дар соҳаи технологияҳои нави иттилоотию компютерӣ дар амал татбиқ намоем;

- дар ҷараёни таҳсил китобҳои таълимии муосири электрониро, таҳия ва ҷорӣ намуда, китобҳои таълимии электрониро нусхабардорӣ намуда, воқеъияти таълимии муосирро ба воситаҳои анъанавии таҳсилоти ҳамгиро ва ҳимоҳанг созем;

- марказҳои иттилоотии захиравии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил карда шавад;

- низоми муайяни дастгирии таълифотҳои методии омӯзгорони ҳамаи зинаҳои муасссисаҳои таҳсилоти касбӣ, ташкил кардани низоми бозомӯзӣ ва такмилии иҳтисоси кадрҳои омӯзгорӣ, маъмурӣ, муҳандисию техникӣ дар асоси технологияи муосири иттилоотию компютерӣ ба вуҷуд меояд.

- манбаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба стандартикунӣ дар соҳаи таҳсилоти касбӣ бо назардошти технологияи таҳсилоти фосилавӣ ва технологияи иттилооти компютерӣ ташкил карда мешавад.

Такмил додани омори таҳсилоти касбӣ барои ташкил кардани системаи муосири мониторинги таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меоварад, ки он сифати таҳсилотро таъмин менамояд.

Воситаҳои объективии берунӣ ва доҳилии муайян намудани сифати таҳсилот ташкил карда мешавад, ки ба таври даврӣ тамоми муассисаҳои таҳсилоти касбиро аз муоина мегузаронад.

Системаи миллии муайян намудани сифати таҳсилот имконияти гирифтани иттилооти объективиро оид ба самаранокии системаи таҳсилоти касбӣ, банақшагирии барномаҳои рушди муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, баланд бардоштани масъулияти роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти касбиро ба вуҷуд меорад. Аз рӯи натиҷаҳои ҳар соли таҳсил маърӯзаи миллӣ оид ба вазъи таҳсилоти касбӣ нашр карда мешавад.

Бо сар шудани фаъолияти Маркази миллии муайянкунии сифати таҳсилот, Маркази ягонаи миллии тестӣ, Маркази миллии акредитатсионӣ, Маркази сертификатсия, менеҷменти сифат ва консалтинг, фаъолияти Маркази ҷумҳуриявии тасдиқнамоӣ ва додани касб шурӯъ мешавад.

**22. Марҳалаи дуюми татбиқи Барнома (солҳои 2012 - 2015)**

Дар марҳалаи дуюм татбиқи пурраи Барнома оғоз мегардад ва дар ҷараёни татбиқи амалии он зарурати ворид сохтани тағйироту иловаҳо бо назардошти таҷрибаи андӯхта ва талаботи бозори меҳнат аз эҳтимол дур нест.

Иқтидор ва захираҳои системаи тарбия ва таълим дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аз ҳисоби корҳои зерин афзун мегардад.

- тағйир додани сохтор ва мазмуни барномаҳои таҳсилоти касбӣ;
- шабакаиислоҳот ташкил карда шуда, моделҳои муассисаҳои таҳсилоти касбӣ такмил дода мешавад;

Дар системаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ гузариши пурра барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос аз рӯи барномаҳои бакалавриат, мутахассис, магистратура, аспирантура, докторантура ва системаи кредитии таҳсилот гузаронида мешавад.

Миқдори бурсияҳои давлатӣ барои тайёр кардани кадрҳои лаёқатманд аз рӯи ихтисосҳои афзалиятдоштаи касбӣ зиёд карда мешавад.

Нишондиҳандаҳои миёнаи профессорону устодони унвондор зиёда аз 40%-ро ташкил мекунад.

Дар ин марҳила нишондиҳандаҳои шабакаи таҳсилоти касбӣ зиёд шуда, дастовардҳои илмӣ устувор мегарданд.

Дар асоси маълумоти мониторинги маърӯзаи миллӣ оид ба вазъи таҳсилоти касбӣ натиҷаҳои аз рӯи сифати таълим ҷудо кардани муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ба вуҷуд оварда мешавад. Донишкадаҳои такмили ихтисос мақоми марказҳои рушди таҳсилоти касбиро мегиранд. То охири соли 2015 миқдори компютерҳо дар муассисаҳои тасилоти касбӣ бо таносуби ба 15 донишҷӯ як компютер расонида мешавад.

Механизми нави маблағгузорӣ ба соҳаи маориф таҳия карда мешавад. Дар натиҷаи амалигардонии Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ то соли 2015 системаи Тоҷикистонии самаранок амалкунандаи таҳсилоти касбӣ ба вуҷуд оварда шуда, сатҳи баланди тайёр кардани мутахассисон ба даст оварда мешавад, ки дар натиҷа Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳон ворид шуда, соҳиби ҷои сазовор дар он мегардад.

**23. Номгӯи чорабиниҳо ҷиҳати татбиқи барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 – 2015**

| т/р № | Номгӯи чорабиниҳо | Мутасаддӣ | Мухҳла ти иҷро |
|---|---|---|---|
| 1 | Гузариши пурра ва муттасили муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба низоми кредитии таҳсилот. | Вазорати маориф | 2008-2015 |
| 2 | Мураттаб сохтан, қабул намудани низом-номаи «Бакалавриат» ва низомномаи «Магистратура» ва низомномаи «мутахассис» | Вазорати маориф | 2008 |
| 3 | Бо роҳи худомӯзи, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, семинар, конференсияҳо, симпозиумҳо омода | Вазорати маориф | 2008-2015 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | намудани ҳайати омӯзгорон, дотсенту профессорони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ барои фаъолият дар шароити системаи таҳсилоти кредитӣ. | | |
| 4 | Мураттаб сохтан ва ба табъ расонидани маводҳои илмӣ ва таълимӣ-методӣ оид ба низоми кредитии таҳсилот. | Вазорати маориф | 2008-2010 |
| 5 | Дар асоси ба инобат гирифтани воқеият ва арзишҳои миллии ҷумҳурӣ мураттаб сохтан ва тасдиқ намудани асноди меъёрии ҳуқуқӣ, стандартҳои давлатӣ, нақша ва барномаҳои таълимӣ вобаста ба равия ва ихтисосҳо. Вазорати маориф 2008-2010 | Вазорати маориф | 2008-2010 |
| 6 | Таҳия намудани Низомномаи системаи кредитии таҳсилот. | Вазорати маориф | 2008 |
| 7 | Таҳия намудани маводҳои таълимӣ–методӣ (силлабусҳо маводҳои дарсӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, кредит ва баҳодиҳӣ) ва таъмини устодону донишҷӯён ба онҳо | Вазорати маориф | 2008-2015 |
| 8 | Ташаккули консорсиуми муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ки мутахассисони ихтисосҳои якхела ё худ моҳиятан айниятдор таёр мекунанд | Вазорати маориф | 2008-2015 |
| 9 | Мураттаб сохтан ва қабул намудани низомномаи консорсиуми муассисаҳои таҳсилоти касбӣ | Вазорати маориф | 2009 |
| 10 | Мураттаб сохтан ва қабул намудани консепсияи таъсиси Маркази миллии тестӣ | Вазорати маориф | 2008 |
| 11 | Мураттаб сохтан ва аз қайди давлатӣ гузаронидани Оинномаи Маркзаи миллии тестӣ | Вазорати маориф | 2008 |
| 12 | Мураттаб сохтан ва қабул намудани низомномаи Маркази миллии тестӣ | Вазорати маориф | 2008 |
| 13 | Ворид сохтани тағйироту иловаҳо ба низомномаи намунавии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба зарурати таъсис ёфтани Маркази миллии тестӣ | Вазорати маориф | 2008-2009 |
| 14 | Ворид сохтани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» вобаста ба зарурати таъсис ёфтани Маркази миллии тестӣ | Вазорати маориф | 2008-2015 |
| 15 | Таҳияи таклифу пешниҳод оид ба таъсиси Маркази миллии тестии минтақавӣ дар ш. Душанбе, ш. Қурғонтеппа, ш. Кӯлоб, ш. Хуҷанд, ш. Хоруғ ва ноҳияи Рашт | Вазорати маориф | 2008-2009 |
| 16 | Таҳияи таклифу пешниҳод оид ба таъсис додани грантҳои махсуси давлатӣ барои довталабоне, ки маълумоти олии касбӣ гирифтанианд | Вазорати маориф | 2010-2012 |
| 17 | Дар асоси барномаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мураттаб сохтан ва ба табъ расонидани | Вазорати маориф | 2008-2015 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | таълифотҳои илмӣ, таълимӣ, методӣ барои татбиқи амалии тестгузаронӣ | | |
| 18 | Дар Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино гузаронидани озмоиши қабули довталабон дар Маркази миллии тестӣ | Вазорати маориф | 2008 |
| 19 | Сохтани технопаркҳо дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ | Вазорати маориф | 2008-2015 |
| 20 | Таҳия ва нашри дастурҳо ва маводҳои илмӣ-методӣ барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ | Вазорати маориф | 2008-2015 |
| 21 | Гузариши муттасили муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба қабули донишҷӯён дар Маркази миллии тестӣ. | Вазорати маориф | 2009-2015 |
| 22 | Таҳияи таклифу пешниҳод оид ба мукофотонидани муассисаи таҳсилоти умумӣ ва муассисаи таҳсилоти касбӣ, ки дар қабули донишҷӯён тибқи Маркази миллии тестӣ саҳми арзанда гузарониданд | Вазорати маориф | 2013-2015 |
| 23 | Таҳия ва татбиқи барномаи давлатии «Омӯзгори муассисаи таҳсилоти касбӣ дар шароити инноватсияи идоракунӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот». | Вазорати маориф | 2010-2015 |
| 24 | Таҳия ва тасдиқи «Барнома»-и миллии тайёр кардани мутахассисони соҳибтахассус дар рақобати бозори меҳнат тобовар барои тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ | Вазорати маориф | 2011 |
| 25 | Таҳияи ва ба роҳ мондани таъбу нашри китобҳои дарсӣ ва маводҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти касбӣ | Вазорати маориф | Доимӣ |
| 26 | Таҳияи Консепсияи интегратсияи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, пажуҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотӣ ва истеҳсолот | Вазорати маориф | 2011-2013 |
| 27 | Таҳия ва қабули барномаи давлатии ҷустуҷӯ ва дастгирии донишҷӯён ва омӯзгорони лаёқатманд ва нобиға дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ | Вазорати маориф | 2012 |
| 28 | Таҳия ва қабули Низомномаи баҳогузории рейтингӣ ба мақоми муассисаҳои таҳсилоти касбӣ. Вазорати маориф 2010 | Вазорати маориф | 2010 |
| 29 | Муайян намудани рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Вазорати маориф | 2010 |
| 30 | Таҳия ва қабули Барномаи давлатии инкишофи технологияи информатсионӣ ва таҳсилоти фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати маориф 2012-2013 | Вазорати маориф | 2012-2013 |
| 31 | Таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низомномаи баҳодиҳии алтернативӣ ба муассисаи таҳсилоти касбӣ. | Вазорати маориф | 2014 |
| 32 | Таҳияи меъёрҳои инвентаризатсияи | Вазорати | 2009 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | инфраструктураи муассисаи таҳсилоти касбӣ ва талаботи муосир ба таҷҳизоти муассисаи таҳсилоти касбӣ | маориф | |
| 33 | Харидорӣ ва таъмин намудани таҷҳизоти таълимии ҳатмӣ ва зарурӣ барои ҳар як тахасус дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ | Вазорати маориф ва донишгоҳу донишкадаҳо | Доимӣ |
| 34 | Таъмини муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо таҷҳизоти таълимии замонавӣ, озмоишгоҳҳо ва кабинетҳои методӣ, аз ҳисобӣ маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Вазорати маориф | Доимӣ |
| 35 | Муттасил афзун гардонидани фонди китобҳои дарсӣ ва китобҳои илмию бадеӣ дар китобхонаҳои анъанавии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ. | Вазорати маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ | Доимӣ |
| 36 | Ташаккул ва инкишофи фонди китобҳои илмӣ, таълимӣ-методӣ ва бадеӣ дар китобхонаҳои электронии муассисаи таҳсилоти касбӣ. | Вазорати маориф, муассиса-ҳои таҳсилоти олӣ | Доимӣ |
| 37 | Ҷалб намудани маблағҳои буҷетӣ, маблағҳои дохи-лӣ ва маблағҳои инвеститсионӣ барои мустаҳкам намудани базаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ | Вазорати маориф | Доимӣ |
| 38 | Мусоидат намудан ба иштироки фаъоли кордиҳандагон дар ташаккул ва инкишофи базаи моддию техникии муассисаи таҳсилоти касбӣ | Вазорати маориф | Доимӣ |
| 39 | 40. Ташкили марказҳои байни муассисавии таълимӣ ҷиҳати татбиқи амалии таҷҳизотҳои мултимедӣ ва технологикунонии Ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ | Вазорати маориф | Доимӣ |
| 40 | Мустаҳкам кардани базаи моддӣ – техникии муассисаи таҳсилоти касбӣ, таъмин намудани онҳо бо таҷҳизоти таълимӣ ва лабораторӣ (то 70-80%) | Вазорати маориф | 2008-2015 |
| 41 | Дар асоси нақша давра ба давра таъмин намудани толорҳои дарсӣ бо таҷҳизоти мултимедӣ ва татбиқи технологизатсияи ҷараёни таълим | Вазорати маориф, муассисаҳои таҳсилоти олӣ | Доимӣ |
| 42 | Такмили ихтисоси устодон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҷиҳати исифодаи технологияи муосир дар ҷараёни таълим | Вазорати маориф | Доимӣ |
| 43 | Таъсиси шабакаи ягонаи компютерии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ | Вазорати маориф | 2014 |
| 44 | Гузаронидани мониторинг ва муайян намудани сатҳи инкишоф ва тағйири инфраструктураи муассисаи таҳсилоти касбӣ | Вазорати маориф | Доимӣ |
| 45 | Бо мақсади тйаёр намудани мутахассисони соҳибтахассус ва интегратсияи Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳия ва қабули консепсияи гуманизатсия ва гуманитаризатсияи ҷараёни | Вазорати маориф | 2013-2015 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | таълим дар муассисаи таҳсилоти касбӣ | | |
| 46 | Таҳия ва қабули Низомномаи меъёрҳои муайянкунандаи фаъолияти кормандони муассисаи таҳсилоти касбӣ вобаста ба ишғоли вазифавӣ | Вазорати маориф | 2008 |
| 47 | Демократизатсияи таҳсилоти касбӣ ва бо воситаи ташкили рақобати муассисаҳои таҳсилоти касбӣ таъмин намудани динамикаи инкишофи онҳо | Вазорати маориф | Доимӣ |
| 48 | Таҳия ва қабули Низомнома дар бораи тартиби ишғоли вазифаҳо аз тарафи мутахассисоне, ки дипломи таҳсилоти миёна ва олии касбӣ доранд | Вазорати маориф | 2009 |
| 49 | Таҳия ва тасдиқи рӯихати равия ва ихтисосҳое, ки маълумоти олии пурра бо дараҷаи академӣ «бакалавр» доранд | Вазорати маориф | 2008 |
| 50 | Таҳия ва тасдиқи рӯйхати равия ва ихтисосҳое, ки маълумоти олии пурра бо дараҷаи академии «магистратура» доранд | Вазорати маориф | 2008 |
| 52 | Таҳия ва тасдиқи рӯйхати равия ва ихтисосҳое, ки маълумоти пурраи олии мутахассис доранд | Вазорати маориф | 2008 |
| 51 | Таҳия, қабул ва дар амал ҷорӣ намудани таснифгари равия ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Вазорати маориф | 2008 |
| 52 | Ба роҳ мондани шартномаи дутарафаи муассисаи таҳсилоти касбӣ ва кордиҳандагон ҷиҳати ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ | Вазорати маориф | 2008 |
| 53 | Дар назди муассисаи таҳсилоти касбӣ ташкил кардани марказҳои кордиҳӣ бо мақсади ба ҷои кор таъмин намудани хатмкунандагон. Вазорати маориф 2009-2010 | Вазорати маориф | 2009-2010 |
| 54 | Ба хотири ба низом даровардани қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, таҳия намудани механизми нави омӯзиши талаботи бозори меҳнат ба мутахассисони соҳибтахассус | Вазорати маориф | Пайваста |
| 55 | Гузариши пурра ба системаи бисёрзинагии таълим: бакалавр, мутахассис ва магистр | Вазорати маориф | 2008-2015 |
| 56 | Гузариши пурра ба системаи бисёрзинагии таълим: бакалавр, мутахассис ва магистр | Вазорати маориф | 2008-2015 |